Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 109 (4692) | ЧОРШАНБЕ, 6 СЕНТЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад




## МУЛОҚОТИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО РУСТАМ МИННИХАНОВ

**Чоруми сентябри соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Роҳбари Ҷумҳурии Тотористон муҳтарам Рустам Миннихонов мулоқот доир намуданд.**

Зимни суҳбат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти ҳамкорӣ дар сатҳи минтақаҳоро ҳамчун ҷузъи таркибии муносибатҳои шарикии стратегии Тоҷикистону Россия таъкид намуданд.

Дар ин замина ба густариши босамари робитаҳо бо Ҷумҳурии Тотористон - яке аз минтақаҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешбари Федератсияи Россия изҳори алоқамандӣ карда шуд.

Тақвияту тавсеаи робитаҳои мустақими иқтисодӣ миёни субъектҳои хоҷагидорӣ ва доираҳои соҳибкорӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт аз ҷумлаи ҳадафҳои рӯзмарра арзёбӣ гардиданд.

Соҳаҳои гуногуни саноат, аз ҷумла саноати кӯҳӣ ва металлургӣ, нафту газ ва кимиё, саноати сабук ва хӯрокворӣ, дорусозӣ, сохтмон, бахшҳои энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, кишоварзӣ ва сайёҳӣ, ҳамчун самтҳои ояндадори ҳамкорӣ номбар шуданд.

Ҷонибҳо имконоту зарфиятҳои зиёди афзоиши тиҷорати мутақобила, ҳамчунин татбиқи муштараки лоиҳаҳои сармоягузориро дар ин самтҳо қайд карданд. Дар ҷараёни суҳбат ҷонибҳо, инчунин, алоқамандии тарафайнро ба густариши минбаъдаи робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои маориф, илм ва тандурустӣ, таъкид намуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори итминон карданд, ки натиҷаҳои сафари Роҳбари Ҷумҳурии Тотористон ба Тоҷикистон ҳамкориҳоро дар чаҳорчӯбаи шарикии стратегии ҳамаҷонибаи Тоҷикистону Россия таҳким хоҳанд бахшид.

## СУҲБАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО МУДИРИ ИҶРОИЯИ КУМИТАИ ШАРҚИИ ИҚТИСОДИ ОЛМОН МИХАЭЛ ҲАРМС



**Шашуми сентябри соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Мудири иҷроияи Кумитаи шарқии иқтисоди Олмон Михаэл Ҳармсро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Олмон баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки муносибатҳои дуҷонибаи ҳар ду кишвар дар заминаи принсипҳои эътимод, ҳамдигарфаҳмӣ ва робитаҳои барои тарафайн судманд асос ёфтаанд.

Ҷонибҳо, ҳамкорӣ дар бахшҳои гидроэнергетика, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва сайёҳиро барои ҳар ду ҷониб судманд арзёбӣ карданд. Ҳамчунин, соҳаҳои саноати сабуку нассоҷӣ, хӯрокворӣ, истихроҷу коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металлҳои нодир, мошинсозӣ, кимиё, дорусозӣ ва бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ самтҳои ояндадори ҳамкорӣ номида шуданд.

Роҳандозии ҳамкориҳои муассир дар самти ҷалби ҳар чӣ бештари сармояи олмонӣ, навовариҳо ва воридоти технологияи нав аз Олмон ба соҳаҳои афзалиятноки Тоҷикистон зарур шуморида шуд.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо оид ба коркард ва содироти маҳсулоти кишоварзии аз лиҳози экологӣ тозаи Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Дар рафти мулоқот, ҳамчунин, ҷонибҳо рушди ҳамкории байнидавлатиро дар қолаби «Шарикии сармоягузории Тоҷикистону Олмон» мувофиқи мақсад шуморида, изҳори итминон карданд, ки Форуми соҳибкорони Тоҷикистону Олмон, ки дар шаҳри Душанбе дирӯз баргузор гардид, ба ин раванд мусоидати муассир хоҳад кард.

**www.prezident.tj**

## ВОХӮРИИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО СОКИНОНИ НОҲИЯИ РАШТ

**Чоруми сентябри соли равон дар Қасри фарҳанги шаҳраки Ғарм мулоқоти Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо фаъолону масъулони ноҳияи Рашт баргузор шуд. Вохӯриро узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Рашт Раҳимҷон Муқимӣ ифтитоҳ бахшида, суханро ба Маҳмадтоир Зокирзода дод.**

- Дар натиҷаи талошу заҳмат ва ҷоннисориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истиқлолияти давлатӣ дар сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ба вуҷуд овард. Дар зарфи сию ду сол мо ба шарофати роҳнамоӣ ва заҳмати софдилонаи Пешвои миллат дар роҳи таъмини рушди сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии мамлакат ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидем, - гуфт дар оғози суҳбат Маҳмадтоир Зокирзода.





Зикр гардид, ки қонунгузорӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар тӯли фаъолияти чор иҷлосияи гузашта 114 маҷлиси Шӯро ва 88 ҷаласаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, дар онҳо 2 ҳазору 446 санади меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар ин давра 376 қонун, аз ҷумла 58 қонуни мукаммал, 6 кодекс, 19 қонуни конститутсионӣ оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои конститутсионӣ, 178 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда, 115 қонун оид ба ворид кардани тағйиру иловаҳо ба кодексҳо таҳия ва манзур карда шуда, аз он 277 қонун қабул гардидаанд. Инчунин, 163 созишномаю протокол тасдиқ карда шуданд.

- Дар ин давра робитаҳои байнипарламентӣ бо кишварҳои ҳамҷавор тавассути гурӯҳҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ тақвият дода шуда, фаъолияти онҳо ба густариши равобити байнипарламентӣ нақши босазо гузошта истодаанд. Дар замони истиқлолияти давлатӣ бо роҳбарӣ ва роҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати мамлакат як қатор барномаҳои давлатию стратегиро қабул намуда, ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардидааст. Аз ҷумла, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додани мамлакат ба кишвари транзитӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, саноатикунонии босуръати мамлакат ва васеъ намудани шуғли пурмаҳсул ҳадафҳои стратегии миллӣ муайян карда шуданд, ки онҳо тадриҷан амалӣ гардида истодаанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ рушди босуботи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ таъмин гардида, барои расидан ба ҳадафи олӣ, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, корҳои зиёд ба анҷом расонида шуд.

Дар натиҷаи амалигардонии ҳадафи дигари стратегӣ барои таъмин намудани рафтуомади бемамониати мусофирон ва ҳамлу нақли молу маҳсулот дар тамоми фаслҳои сол байни минтақаҳои мамлакат, инчунин, раҳоӣ бахшидани Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани он заминаи мусоид фароҳам оварда шуд. Ҳукумати мамлакат бо истифода аз тамоми имкониятҳо барои ҳалли масъалаҳои бунёду азнавсозии роҳҳо мунтазам чораҷӯӣ карда истодааст, ки албатта, барои ба давлати дорои шароити муосири транзитӣ табдил ёфтани Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Хушбахтона, имрӯз Тоҷикистон дар натиҷаи талошу кӯшишҳои пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (новобаста аз афзоиши талабот, яъне аҳолӣ қариб як баробар афзоиш ёфт, инчунин теъдоди корхонаю коргоҳҳои саноатӣ даҳҳо маротиба зиёд гардид) камбудию норасоиҳоро бартараф намуда, ба як давлати содиркунандаи энергия мубаддал гашт. Дар ин самт, ҳоло лоиҳаҳои бузурги бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ амалӣ гардида истодаанд ва дар солҳои наздик бо бунёди НБО «Роғун» ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии мавҷуда иқтидори энергетикии мамлакат афзоиш дода шуда, Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ аз лиҳози истеҳсол ва содироти неруи барқ мавқеи баландро ишғол хоҳад кард.

Ҳанӯз аз даврони аввали истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва муҳими мамлакат ҳисобида, дар ин самт корҳои назаррасро амалӣ намудааст.

Новобаста аз афзоиш ёфтани аҳолии Тоҷикистон дар натиҷаи ғамхорию дастгириҳои Ҳукумати мамлакат муассисаҳои таълимии ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир дар ҳама гӯшаю канори мамлакат, аз ҷумла дар ноҳияҳои дурдаст ва кӯҳистон, сохта шуда, норасоию камбудиҳои соҳа қариб пурра бартараф шуданд.

Дар доираи амалигардонии ҳадафи стратегӣ саноатикунонии босуръати кишвар корҳои назаррас ба сомон расонида шуда, ҳоло дар самти таъсису барқарорсозии корхонаҳои нав, афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, инчунин роҳандозии коркарди ниҳоии ашёи хом бо таъсиси ҷойҳои нави корӣ чораҳои иловагӣ андешида шуда истодааст.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода зикр намуд, ки дар даврони истиқлолияти давлатӣ дар мамлакат бо роҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маданияти истифодабарии замин куллан беҳтар гардида, аз як қитъаи замини обӣ гирифтани ду - се ҳосил ба ҳукми анъана даромад. Дар натиҷа, фаровонии бозори истеъмолӣ таъмин гардида, содироти маҳсулот тадриҷан рушд кард.

- Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои пуртазоди сиёсӣ ҳамон миллате манфиатҳои худро ҳимоя карда метавонад, ки Роҳбари оқилу доно ва Пешвои ватанпарвару дурандеш дошта бошад. Мо, хушбахтона, чунин Сарвари давлат ва Пешвои миллат дорем, ки тамоми ҳастиашонро дар роҳи ҳифзи истиқлолияту озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи комилу пойдории сиёсӣ, сарҷамъии миллат, ваҳдати миллӣ ва пешрафту ободии Тоҷикистони азизу маҳбубамон бахшидаанд. Ба ҷо овардани ин рисолати бузурги давлатдорӣ, аз мо танҳо дар атрофи Сарвари давлат аз ҳарвақта дида, зичтару устувортар сарҷамъ буданро тақозо менамояд. Боварии комил дорам, ки дар ин амал мардуми шарифи ҷумҳурӣ, бахусус мардуми сарбаланди водии Рашт, чун ҳамеша ҷонибдори сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Сарвари давлат боқӣ хоҳанд монд, - иброз намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Сипас, собиқадори меҳнат Аъзам Ҳасанов, муовини ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Макнуна Шарифова ва имом-хатиби масҷиди ҷомеи шаҳраки Ғарм Мустафо Амиров сухан карда, аз ҷумла иброз доштанд, ки сокинони ноҳия сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҷонибдорӣ намуда, барои дар ҳаёт татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат содиқона заҳмат мекашанд ва дар ободсозии Тоҷикистони азиз ва таъмини зиндагии шоистаи мардум саҳм мегузоранд.

**Диловари МИРЗО, «Садои мардум»**

# МУЛОҚОТИ ВАКИЛОН БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН

**Шашуми сентябри соли 2023 муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ва вакили Маҷлиси намояндагон Файзулло Наҷмиддиниён дар доираи нақша - чорабиниҳои Маҷлиси намояндагон, дар арафаи 32-юмин Ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сокинони шаҳри Роғун мулоқот намуданд.**



Зимни мулоқот муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода ва вакили Маҷлиси намояндагон Файзулло Наҷмиддиниён таъкид намуданд, ки Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти амалигардонии ҳадафҳои стратегии давлату Ҳукумат возеҳу мушаххас баён гардида, вазъи геосиёсии минтақа ва ҷаҳон, бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ, инчунин, роҳҳои ҳалли мушкилоти мавҷуда махсус таъкид карда шуд.

Зикр гардид, ки яке аз муҳимтарин нуктаҳои дигаре, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъулияти ҳар яки мо таъкид гардида буд, ин омодагии ҳамаҷониба ва ҳиссагузорию мусоидати пайваста ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар ин росто, Сарвари давлат, ҳамчунин, дар назди масъулин ва сохторҳои дахлдор вазифа гузоштанд, ки ба ин раванд бо масъулияти том ва ҳисси баланди ватандӯстӣ муносибат карда, бо масъалаи бунёди иншооти маорифу тандурустӣ, фарҳанг ва дигар муассисаҳои иҷтимоӣ, корхонаю коргоҳҳои истеҳсолӣ, махсусан ободу зебо гардонидани маҳалли зист, хиёбонҳо, гулгашту майдонҳо ва дигар корҳои созандагӣ, эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

**4-уми сентябри соли 2023 дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров мулоқоти муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоанвар Аҳмадов ва Мавлуда Мирзозода бо интихобкунандагон баргузор гардид.**

Дилрабо Мансурӣ оид ба рушди соҳаҳои хоҷагии халқ ва дар ин замина болоравии сатҳи некуаҳволии мардум дар солҳои соҳибистиқлолӣ сухан карда, аз хидматҳои шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ ёдовар шуд.

Вакил Мирзоанвар Аҳмадов роҷеъ ба ҳифзу гиромидошти арзишҳои миллӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ ҳарф зада, ва аз ҳозирин даъват ба амал овард, ки дар ин самт кумакрасони мақомоти дахлдори давлатӣ бошанд.

Мавлуда Мирзозода дар бобати такмили қонунгузорӣ ва моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қабули 634 санади ҳуқуқию меъёрӣ, ворид намудани тағйироту иловаҳо ба 49 қонун аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ёдовар шуда, даъват кард, ки нисбат ба татбиқи он чораҳои дахлдор андешида шаванд.

Аз номи интихобкунандагон собиқадори соҳаи тандурустӣ Исоҳоҷа Каримхоҷаев ба вакилон барои мулоқоти судманд арзи сипос кард.

**Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Комрон Исмоилиён дар Ҷамоати деҳоти «Муҷун»-и ноҳияи Ғончӣ бо интихобкунандагон вохӯрд.**

Дар мулоқот фаъолону зиёиён ва ҷавонон иштирок намуданд.

Комрон Исмоилиён доир ба дастовардҳои 32 соли истиқлолияти давлатӣ маълумоти муфассал пешниҳод намуда, сокинони Ҷамоати деҳоти «Муҷун»-ро бо Ҷашни Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аз номи роҳбарияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуд.

Дар доираи мулоқот бо интихобкунандагон вакил аз Корхонаи истеҳсоли нӯшокиҳои ташнагишикани «Меваҳои ҳазорчашма» ва сехи дӯзандагии «Малика» боздид намуда, бо кормандон суҳбат намуд.

**Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвиз Шодизода ва Музаффар Маҳмудзода дар толори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент бо интихобкунандагон мулоқот баргузор намуданд.**

Раиси шаҳр Абдухолиқ Холиқзода дар ифтитоҳи мулоқот аз нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пойдории истиқлолияти давлатӣ, таҳкими қонуният, афзун намудани дастовардҳои даврони истиқлолият сухан кард.

Вакилон дар бораи фаъолияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, нақши он дар таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ, волоияти қонун, баррасии мурофиати интихобкунандагон ҳарф зада, ҳозиринро ба истиқболи Ҷашни 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шодбош гуфтанд.

Дар мулоқот, инчунин, вакилон ба саволу дархости интихобкунандагон посух гуфтанд.

**Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавсума Муинӣ бо интихобкунандагон дар Қасри «Суғдиён»-и шаҳри Хуҷанд вохӯрӣ доир намуд.**

Мавсума Муинӣ аз дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ, рушду такомули соҳаҳои хоҷагии халқ, кӯшишу заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, афзун намудани ҷойҳои корӣ ва ба баланд бардоштани обрӯю нуфузи ҷумҳурии соҳибистиқлол дар арсаи байналмилалӣ суханронӣ намуда, аз ҷавонон даъват кард, ки бобати истифодаи дурусти сомонаҳои иҷтимоӣ ҳушёрию зиракиро аз даст надиҳанд, зеро бино ба маълумоти расмӣ, имрӯз беш аз 4,5 млн. сокинони мамлакат ба интернет дастрасӣ дошта, дар ҳолатҳои алоҳида фирефтаи ваъдаҳои бардурӯғи хоинони миллат шуда, дар зиндагӣ ба роҳи хато рафта, ба ҳизбу ҳаракатҳои мамнӯъ мепайванданд.

Номбурда дар идомаи суханрониаш оид ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, ки аз сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, ҳарф зада ибрози дошт, ки имрӯз дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ 70 фоизи занон дар соҳаи маориф бори гарони тарбияю таълимро ба дӯш мекашанд. 25 фоиз ба сифати хизматчии давлатӣ дар вазифаҳои пурмасъул фаъолият доранд.

Ҳамчунин, дар мулоқот раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Хуҷанд Бахтиёр Исматҷонзода оид ба мақому манзалати ҲХДТ дар ҷомеа сухан кард.

**Бо мақсади шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми сентябри соли 2023 дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50 – и шаҳри Кӯлоб вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарифҷон Ҳакимзода бо сокинони маҳаллаҳои Фирдавсӣ, Ҷомӣ, Сино, Ҷумъа Алиев ва омӯзгорону хонандагони муассисаи зикршуда доир гардид.**

Шарифҷон Ҳакимзода ҳангоми суханронӣ сокинонро ба сарфаи неруи барқ, самаранок истифода бурдани замини наздиҳавлигӣ, гирифтани ду - се ҳосил ва захираи маҳсулоти хӯроквӯрӣ даъват намуд.

Бо ҳамин тартиб мулоқоти вакили Маҷлиси намояндагон Шарифҷон Ҳакимзода бо донишҷӯёну омӯзгорони Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин сокинони маҳаллаҳои шаҳру деҳоти Кӯлоб ва ташкилоту муассисаҳои таълимии шаҳр доир шуд.

**Дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯшониён вохӯрии вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад Шодиён бо фаъолони ноҳия доир гардид.**

Вакили мардумӣ оид ба дастовардҳои 32 соли соҳибистиқлолӣ, сафарбарнамоии сариваќтии ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, самаранок истифода бурдани замини наздиҳавлигӣ, беталаф ҷамъоварӣ намудани ҳосили пахта ва дигар зироат, корҳои созандагию бунёдкорӣ бахшида ба Ҷашни 35 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози андеша намуд.

Қайд гардид, ки дар муддати на чандон дарози соҳибистиқлолӣ бо заҳмати шабонарӯзӣ ва дар заминаи сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ватани азизамон ба яке аз давлатҳои ободу осуда ва пешрафта табдил ёфтааст. Мо вазифадорем, ки дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори хеш қарор диҳем.

Муҳаммад Шодиён, инчунин, вобаста ба фаъолияти имрӯзаи парлумони мамлакат дар назди ҳозирин маълумот дод. Дар фарҷоми вохӯрӣ вакили парлумон ба саволҳои интихобкунандагон ҷавобҳои мушаххас дод.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Мирзоаъзам МАҚСУДОВ,**
**Комрони АСЛОН,**
**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

# ИСТИҚЛОЛИЯТ СОХТОРИ СУДИИ КИШВАРРО БА НИЗОМ ОВАРД

**Истиқлолият барои ҳар кишвари ҷаҳон арзишмандтарин дастовард аст, зеро он ба ҳар як халқ шароити мусоид фароҳам оварда, сарнавишти имрӯзу фардои онро равшан мекунад.**

Маҳз, истиқлолияти давлатӣ буд, ки миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардид ва Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр ба инкишофи мустақилона қадам мегузорад.

Маънии истиқлолиятро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле дақиқ шарҳ додаанд: «Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонист, ки низоми давлатдорӣ, сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш мебарад».

Бо ба даст овардани истиқлолият мо соҳиби Конститутсия, низоми қонунгузории миллӣ ва мақомоти мукаммали давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти мустақили судӣ, гардидем.

Дар моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин бор ибораи давлати ҳуқуқбунёд, ки яке аз принсипҳои асосии он таҷзияи ҳокимият мебошад, инъикос гардида, моддаи 9 Конститутсия ҳокимияти давлатиро дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ эътироф намуд ва ҳокимияти судӣ ҳамчун ниҳоди мустақил дар низоми ҳокимияти давлатӣ эътироф шуд.

Дар Конститутсияи даврони соҳибистиқлолӣ боби алоҳида - боби 8 ба ҳокимияти судӣ бахшида шудааст. Мувофиқи моддаи 84-и ҳамин Конститутсия ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Адолати судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд.

Бо мақсади таъмини волоияти меъёрҳои Конститутсия ва амали бевоситаи он дар қаламрави ҷумҳурӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми майи соли 1995 таҳти №84 Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки салоҳияти он ҳифзи Конститутсия, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи гузаронидани мурофиаҳои судии конститутсионӣ, ҳалли баҳсҳои байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо ва иҷрои ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд, мебошад.

Вобаста ба мақом ва нақши ҳокимияти судӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни вохӯрӣ бо кормандони мақомоти судӣ 21-уми ноябри соли 2019 чунин қайд карданд: «Нақш ва мавқеи ҳокимияти судӣ дар идораи давлат ва пешрафти ҷомеа хеле муҳим мебошад, зеро ҳокимияти судӣ дар асоси Конститутсия ва қонунҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо ва қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Вазифаҳои ҳокимияти судӣ ва таъмини адолат дар асоси принсипу меъёрҳои демократии мурофиаи судӣ, аз ҷумла баробарии ҳама дар назди қонун ва суд, баробарҳуқуқии тарафҳо дар ҷараёни баҳсу мунозира ва ба тарзи ошкоро гузаронидани мурофиаи судӣ сурат мегирад, ки ин меъёрҳои қонун кафили воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, дар маҷмӯъ, нишонаи муҳимтарини ҷомеаи адолатпарвар, демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ мебошад».

Лозим ба ёдоварист, ки дар 70 соли ҳукмронии ҳокимияти шӯравӣ ба ҷой ва мавқеи аслии ҳокимияти судӣ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир нашуда, нақш ва мақоми он ҳатто дар Конститутсияи давлат инъикос наёфта буд.

Пас аз чанд муддати қабули Конститутсия моҳи декабри соли 1994 Қонун «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ» қабул шуд, ки он барои сохтмони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ гузошт.

Дар асоси талаботи Конститутсия ва ислоҳоти конститутсионӣ соли 1995 бобати мукаммалии мустақилият ва беҳдошти фаъолияти ҳокимияти судӣ қонунҳои конститутсионӣ «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мақоми судҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи сохтори судӣ», «Дар бораи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи судҳои ҳарбӣ» қабул гардиданд.

Тағйироти ҷиддии дар ҳаёти ҷомеа бамиёномадаро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон воқеъбинона таҳлил намуда, ба он сари вақт баҳои ҳақиқӣ ва амиқи илмӣ дода, 14-уми апрели соли 1997 Фармон «Дар бораи баъзе чораҳои таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ» интишор намуда, дар кишварамон гузаронидани ислоҳоти судӣ – ҳуқуқиро зарур шумориданд. Бо қабули фармони мазкур, имконияти муҳайё намудани шароити моддӣ – техникӣ ба судҳо бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани мақомоти судӣ, баланд бардоштани маоши хизматии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, беҳтар кардани шароити маишии судяҳо ва дар ин замина пойдор гардонидани мустақилияти ҳокимияти судӣ ба миён омад. Ин иқдоми сариваќтии Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замина барои гузаронидани ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ гардид.

Татбиқи барномаи давлатии ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ боисрор талаб менамуд, ки қонунҳои конститутсионии ҷудогонаи қабулгардидаи соли 1995 бо назардошти дигаргуниҳои рӯйдодаи муносибатҳои ҷамъиятӣ – сиёсӣ ба як қонуни конститутсионӣ гирд оварда шавад. Бо ҳамин мақсад мақомоти қонунгузории мамлакат 6-уми августи соли 2001 ҳамаи қонунҳои дар боло зикргардидаро ба Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муттаҳид намуд.

22 - юми июни соли 2003 ба воситаи райъпурсии умумихалқӣ ба Қонуни асосии давлат тағйироту иловаҳо ворид гардиданд, ки як қисми он ба мустаҳкам намудани мустақилияти ҳокимияти судӣ равона гардида, дар асоси он мӯҳлати ваколати судяҳо аз 5 сол ба 10 сол муқаррар карда шуд.

Илова бар ин, дар натиҷаи саъю кӯшиш ва ғамхории пайвастаи Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушду таҳкими мақомоти судӣ чор барномаи ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ қабул карда шуд, ки онҳо барои пешрафти соҳа, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини шароити зарурӣ барои баррасӣ ва ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва умуман, барои ба амал баровардани адолати судӣ нақши муҳим доранд. Дар ин замина мақомоти дахлдори давлатиро барои андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати беҳдошти фаъолияти мақомоти судӣ вазифадор намуд. Дере нагузашта баҳри иҷрои нахустин барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ кодексҳои мурофиаи гражданӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи суди иқтисодӣ, мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ қабул гардида, тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати баамалбарории адолати иҷтимоӣ ва бобати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиати давлат ва риояи тартиботи ҳуқуқӣ таъсири судманд бахшиданд.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи апрели соли 2004 ба ҳукми қатл моратория эълон гардид, ки мувофиқи он минбаъд судҳои ҷумҳурӣ бо ҳукмҳои худ чунин ҷазои сахттаринро татбиқ намекунанд.

Инчунин, дастоварди дигари мустаҳкам гардидани мустақилияти ҳокимияти судӣ дар даврони истиқлолият ин аз салоҳияти мақомоти прокуратура бардоштани татбиқи ҳабси пешакӣ ва ба ихтиёри ҳокимияти судӣ вогузор кардани ин амали мурофиавӣ мебошад. Бо ислоҳи ин иштибоҳи ҳуқуқӣ, ки аз рӯзҳои аввали барқароршавии сохти шӯравӣ амал мекард, эътибори ҳокимияти судӣ ба маротиб афзуд.

Ҳамчунин, тадбири муҳими иҷрои банд ва идомаи барномаи давлатии ислоҳоти судӣ – ҳуқуқӣ аз тобеияти мақомоти судӣ баровардани иҷрочиёни суд ба шумор меравад, ки ин амал боиси баланд гардидани мавқеъ ва нақши ҳокимияти судӣ ҳамчун ҳокимияти холису беғараз дар ҷомеа гардид.

Бояд қайд кард, баҳри таҳкими ҳокимияти судӣ – мукаммал гардонидани қонунгузорӣ, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳои арзанда ба вазифаи судя, баланд бардоштани савияи донишу малакаи судяҳо ва беҳтар гардонидани шароити иҷтимоию кории онҳо аз ҷониби роҳбарияти олии мамлакат пайваста тадбирҳои дахлдор андешида шуда, онҳо барои таҳкими ҳокимияти мустақилу беғаразӣ судӣ заминаи боэътимоданд.

**Фотеҳ ҚУВВАТЗОДА,**
**судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# РУШДИ МАЪРИФАТИ СИЁСӢ ВА ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТИИ ҶАВОНОН – ОМИЛИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ҶОМЕА





**Бо чунин ном чанде пеш дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод ҷаласаи сайёри Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли суҳбати гирди миз доир гардид. Дар он аъзои шӯрои ҷамъиятии шаҳрҳои Роғун, Ваҳдат, ноҳияҳои Рашт, Нурobод, Сангвор, Тоҷикобод, Лахш, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ, ходимони дин, собиқадорони меҳнат, фаъолони ҷамъиятӣ, мудирони бахши кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳо ва хабарнигорони ВАО ширкат варзиданд.**

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба маърифати сиёсӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон, аз ҷумла беҳдошти кору зиндагӣ, вазъи таълиму тарбия, соҳиби касбу ҳунар гардидани онҳо, мавқеи хоса пайдо намудани ҷавонон дар ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон ба муносибати савгандёдкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: «Мо бо ҷавонони даврони истиқлол эътимоди бузург дорем ва барои онҳо тамоми шароиту имкониятҳои зарурири фароҳам месозем, ки ҷавонони мо ҳамчун насли ояндасоз, зимоми фардои давлат, Ватан ва халқи худро ба даст гиранд, сарзамини аҷдодиро соҳибӣ кунанд, онро обод созанд, яъне кори моро ба хотири пешрафту ободии Тоҷикистони маҳбубамон идома диҳанд».

Шӯрои ҷамъиятии шаҳру ноҳияҳои мамлакат барои тарғибу ташвиқи дастовардҳои солҳои соҳибистиқлолӣ, натиҷаҳои дар зарфи ин солҳо бадастомада, нақши ваҳдати миллӣ дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иқтисодиёту иҷтимоиёти ҷумҳурӣ ҷаҳду талош варзида, барои сафарбар намудани аҳолии мамлакат барои сазовор истиқбол намудани Ҷашни 35-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои дахлдор андешида истодаанд.

Ташаккули маърифати сиёсӣ ва баланд бардоштани шуури сиёсии ҷавонон бо худшиносии сиёсӣ ва худогоҳии сиёсӣ алоқамандии зич дорад. Барои баланд бардоштани худогоҳиву худшиносии мардум, пеш аз ҳама, бомаърифат ва соҳибфарҳанг будани онҳо лозим аст. Яъне, ҷавонон бояд таърихи миллати дин, фарҳангу анъанаҳои миллати хешро дониста бошанд. Барои ҳамаи ин баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, миёна ва олӣ зарур буда, иштироки фаъоли падару модар, муаллим ва аҳли ҷомеа ва ғамхориву таваҷҷуҳи доимии давлат муҳим мебошад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд: «Ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, неруи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати Ҳукумат боқӣ мемонад». Роҳбари давлат дар идома гуфтанд, ки «Дар раванди тарбияи ватандӯстӣ пешгирӣ кардани зуҳуроти экстремизм ва таассуби динӣ, аз таъсири таблиғоти ифротгароёна ва оштинопазирии милливу мазҳабӣ эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз ҷумлаи вазифаҳои муҳими давлат ва ҷомеа мебошад. Бинобар ин, дар кори созмонҳои ҷавонон таҳия ва татбиқи нақшаю барномаҳо оид ба таҳкими ризоияти иҷтимоӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми миёни миллатҳою мазҳабҳо, муколамаи байни тамаддунҳо ва наслҳо, инчунин амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба пешгирии фаъолияти қувваҳои иртиҷоӣ бояд мақоми афзалиятнок дошта бошад. Наврасон ва ҷавононро аз амалу рафтори ноҷо ва ғайриқонунӣ нигоҳ доштан ва ба роҳи дуруст ҳидоят кардан вазифаи муқаддас ва қарзи инсонии падару модарон, омӯзгорону мураббиён, зиёиён ва умуман аҳли ҷомеа мебошад».

Вақти он аст, ки ҳар чӣ бештар дар ниҳоди ҷавонон сифатҳои воло – ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, ахлоқу одоби миллӣ, поквиҷдонӣ, эътиқоднокӣ ва шуури миллиро инкишоф диҳем. Баробари ин, дар онҳо нисбат ба сифатҳои манфӣ – бетафовутӣ, хиёнат, маҳалбозӣ, бевиҷдонӣ ҳисси нафрат бедор кардан зарур мебошад. Маҳз маърифати баланди сиёсӣ, ватандӯстӣ, меҳри Ватан ҷавононро аз таъсири омилҳои гуногуни номатлуб эмин медорад, онҳоро ба ҳифзи кишвар ва бузургдошти арзишҳои миллӣ водор месозад. Дар раванди инкишофи маърифати сиёсии ҷавонон ва тарбияи ватандӯстӣ пешгирӣ кардани зуҳуроти экстремизм ва таассуби динӣ, аз таъсири таблиғоти ифротгароёна ва оштинопазирии милливу мазҳабӣ эмин нигоҳ доштани ҷавонон аз ҷумлаи вазифаҳои муҳими давлат ва ҷомеа мебошад.

Таваҷҷуҳ ба фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар шароити муосири аксари мамлакатҳо меафзояд. Омилҳои тамоюли афзоишро касб намудани ин раванд гуногунанд ва дар кишварҳои олам аз ҳамдигар фарқ мекунад.

Ташаккули маърифати сиёсии ҷавонон дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон низ ба падидаҳои то андозае зиддиятнок алоқаманд буда, ба мавҷудияту инкишофи низоми сиёсии ҷомеа таъсиргузоранд.

Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаташро дар сатҳи зарурӣ иҷро намуда истодааст, аммо мушкилот ҳоло ҳам ҳастанд. Ба назари мо, се ниҳод - Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм ва Вазорати фарҳанг бояд дар ҳамбастагӣ фаъолият намоянд. Агар ин се ниҳод корҳои тарғиботиро байни ҷавонон ва насли наврас дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намоянд, аксари мушкилоти мавҷуда бетаъхир бартараф мешаванд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ташаккули шуури сиёсии ҷавонон нақши шабакаҳои иҷтимоӣ ниҳоят зиёд аст. Шабакаҳои иҷтимоӣ аз як тараф, боиси инкишофи иқтисодиёт гаштааст. Аз ҷониби дигар, шабакаҳои иҷтимоӣ хатар низ доранд. Ин хатар дар кадом шакл зоҳир мегардад? Он фазои беназорат аст, ки дар он, пеш аз ҳама, гурӯҳҳои манфиатдор ба мағзшӯӣ машғуланд. Паҳншавии бесобиқаи шабакаҳои иҷтимоӣ байни ҷавонон ва насли наврас хатар дорад ва дар ин масъала бояд ҳушёриро аз даст надиҳем.

Мустаҳкамшавии давлат, ташаккули заминаҳои идеологию маънавии он аз тарбияи ватандӯстии ҷавонон вобастагии калон дорад.

Дар ин раванд иҷрои талаботи зерин ҳатмӣ мебошанд:

- асоснокнамоии масъалаи тарбияи ватандӯстӣ аз нигоҳи илмӣ, гуманистӣ ва мардумсолорӣ;
- ба назар гирифтани таъриху фарҳанги пурғановати миллати тоҷик, анъанаҳои маънавии он, бо назардошти гуногунии баромади иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии онҳо;
- муттасил инкишоф додани сиёсати дастгирии ҷавонон;
- равона намудани ҷавонон баҳри рушди имконияту истеъдодҳои ҳар як шахсият;
- мавҷудияти робитаи ногусастанӣ бо дигар шаклҳои тарбия.

Дар шароити кунунӣ дар ҳар як ҷомеаи демократӣ афзудани таваҷҷуҳи аҳолӣ ба ҳаёти сиёсӣ ва талошу кӯшиши онҳо дар дигаргунсозиҳои ҳаёти ҷомеа яке аз омилҳои муҳими рушду инкишофи мамлакат ба ҳисоб меравад. Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоту масъалаҳоеро, ки садди рушди маърифати сиёсии ҷавонон мегардад, ба назар гирифта, барои ҳар чӣ зудтар бартараф шудани онҳо дар доираи имконияту салоҳият кӯшиш менамояд.

Рисолати ватандории мо ин аст, ки пайи коркарди ғояҳои нави давлатдорӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои ахлоқӣ шуда, дар ин замина ҷавононро муттаҳид ва ба созандагию бунёдкорӣ равона намоем.

**Нозим МАҲМАДИЗОДА,**
**котиби ҳамоҳангсози Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Душанбе - пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли 32 соли соҳибистиқлолии мамлакат ба пешравиҳои назаррас ноил шуда, бо даҳҳо шаҳри бузурги дунё бародаршаҳр аст.**

**Вақте ки сухан дар мавриди фарҳанги шаҳрдорӣ, ободонӣ ва дигаргуниҳои азим меравад, пеш аз ҳама, пойтахти Тоҷикистони азизамон - шаҳри Душанбе дар назар ҷилва медиҳад. Имрӯз симои Душанбе ба куллӣ тағйир ёфта, он миёни кишварҳои хориҷи дур низ шуҳрату мақоми хоса пайдо кардааст. Ҷилваи дарахтони сарвқад, ки ҳусни шаҳрро боз ҳам зебою дилнишин мегардонанд, дурахши пурфурӯғи қасру кушкҳои боҳашамат шабонгоҳ Душанберо ба як қандили рангоранги бузург табдил дода, бунёди якчанд боғҳои фарҳангию истироҳатӣ бо шароити мусоиди муосирро дида, ҳар як шахс худ ба худ мегӯяд: - Ба кӣ бояд таҳсин кард?**

**Бешубҳа, ин пешравию тозабунёдиҳо натиҷаи сиёсати хирадмандонаю бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва азму талошҳои пайвастаи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ мебошанд.**



# САФОБАХШИ СУБҲУ ШОМИ ДУШАНБЕ

**Душанбе шаҳри гулҳо ва хиёбону кӯчаҳои саропо сабзу гулпӯшу шукуфон аст. сарфи назар аз он ки гулгашту сайргоҳҳояш зиёданд, боз дар ҳар гӯшаю канораш боғҳои хуштарҳу зебою замонавӣ қомат афрохтаанд, ки ба шаҳр шукӯҳу шаҳомати дигар ато менамоянд…**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулони пойтахт ва чор ноҳияи Душанбе дастур медиҳанд, ки ба мақсади боз ҳам сабзу муаттар гардонидани пойтахти дилоро гулгашту боғоти нав ба нав бунёд намоянд, то сокинону меҳмонони пойтахт тавонанд, аз ин боғҳои фароғатию истироҳатӣ ба таври ҳамешагӣ истифода баранд. Боғи устод Рӯдакӣ, аз шумори он боғҳоест, ки дар зебоию дилпазирӣ беназиранд.

Он бо тарҳи замонавӣ сохта шуда, тавре ҷойгир гардидааст, ки аз ҷониби ғарб бо Маҷмааи давлатии «Қасри миллат», аз шарқ бо бинои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки алъон сохтмонаш идома дорад ва аз ҷануб бо калонтарин махзани маърифатии мамлакат - Китобхонаи миллӣ ва муҷассамаи Исмоили Сомонӣ, ҳамшафат мебошад.

Воқеан, ҳар бинандае, ки бори аввал ба тамошои ин боғ меояд, шоҳиди ин зебоиҳо гардида, пеши назараш манзараи нотакроре ба ҷилва меояд. Гулгашту сайргоҳҳои сабзу хуррам бо себаргазорони махмалин, дарахтони қатори ҳамешасабз, буттаю ниҳолҳои саропо ғарқи гул, сарву санавбарҳои бо тарзи хос орододашуда дили ҳар бинандаро лабрези шодию фараҳ мегардонад. Дидани ин ҳама зебоиҳо, дар як нигоҳ касро ба олами афсонаҳо мепайвандад, хоса тамошои дарахтони ҳамешасабзу хуррам ва гулпӯш, ки аз кишварҳои дури олам ба ин боғ оварда шудаанд.

Ба ҷуз ин, дар ҳар кунҷу канори боғ гулгашту хиёбонҳои алоҳидае арзи ҳастӣ доранд, ки дар ҳар қадоми он барои нишаст ва суҳбату мулоқот ҷойҳои хоса ороста гардидааст. Ҳатто, гоҳо ин тавр ҳам мешавад, ки шахси бори аввал ба ин ҷо омада, гумон мекунад, ки ба боғ нею ба як гӯшае аз биҳишт афтодааст ва дар лаҳзаҳои аввал, ин зебоиҳоро табиию воқеӣ қабул карда наметавонад.Тадриҷан ба худ меояд ва бовар мекунад, ки ҳар чизеро ин ҷо мебинад, ҳама табиию воқеиянд ва ин боғи зебо ва сабзу хуррамест барои тамошо, истироҳат ва фароғат. Бале, ин макони саропо сабзу хуррам барои сокинони пойтахт, меҳмонон ва дигар шаҳрвандони мамлакат бунёд гардидааст, ки ҳар вақте хоҳанд, ба ин ҷо оянд, нишинанд ва истироҳату фароғат намоянд.

Барои онҳое, ки ба тамошои боғ меоянд, ҳама шароит фароҳам аст. Ҳар тамошобин имкон дорад, ки дар курсиҳои зебою бароҳат нишинад.

Воқеан, боғ он қадар ҷолибу диданист, ки ҳар тамошобин албатта, боз орзуи дубора дидани онро мекунад, зеро ба як бор дидани ин макони зебо, наметавон хумори тамошоро шикаст. Хусусан, дар мавсими гул ҳар дарахти боғ гулбезу мушкбез ва чун наварӯсони чаман оростаю пероста аст. Ба ҳар куҷо, ки нигарӣ, тозаҷавониро мебинӣ.

Дар роҳравҳои калон аз ду ҷониб, қад - қади гулгашту роҳравҳо дарахтони ҳамешасабз чун сарву санавбар ва ниҳолони дигари паҳнбарг саф кашида, боғро зебою дилработар гардонидаанд. Ин боғи зебою дилнишин ва рӯҳафзою хуррамро, асосан дарахтони сояафкану ороишӣ зинат мебахшанд.

Боғ, бо вуҷуди замонавӣ буданаш, ба тарҳи миллӣ бино ёфта, он ҷо танҳо табиати зебои Тоҷикистон инъикос мегардад. Роҳравҳояш бо сангҳои мармари сурхи тоҷикӣ оро ёфта, курсиҳою суҳбатҷойҳояш низ аз унсурҳои хоси фарҳанги миллиамон дарак медиҳанд. Дар гулгашту чаманзоронаш ҳама гуна ниҳолу буттаҳои зебою нодири Тоҷикистонро дидан мумкин аст.

Дар маркази боғ пайкараи Асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ қомат афрохтааст. Пайкараи устод Рӯдакӣ, аз ҳама пайкараҳои дигар ба куллӣ фарқ мекунад, зеро ин ҷо ҷавониҳои шоир ба ҷилва омадаанд ва мусаввир Рӯдакиро хеле ҷавону зебо, боғайрат ва ғурурманд тасвир кардааст.

Ин гуна тасвир намудани Рӯдакӣ хеле рамзист, зеро қисмати зиёди тамошобинони ин боғ ҷавононанд. Ҳузури ӯ дар чунин шакл, айни муддао ва бисёр бамаврид аст…

Дар паси пайкара, намои мудаввари тахти сангин, ки шояд рамзи давлатдории Сомониён бошад, хуб ба ҷилва омада, устод Рӯдакӣ дар ҳоли шеърхонӣ қарор дорад...

Гирду атрофи пайкара хеле зебо оро дода шуда, дар рӯ ба рӯи устод Рӯдакӣ театри хурди тобистона бунёд ёфтааст, ки дар ин макон метавон ҳама гуна чорабиниҳои мувофиқ, аз ҷумла «Рӯзи Рӯдакӣ»- ро низ баргузор кард. Нишастгоҳҳои ин театри хурд пурра аз санги мармари сурхи Бадахшон сохта шудаанд, ки хеле муносибанд.

Ҷои муболиға нест, ки Боғи фароғатию истироҳатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз зеботарин боғҳои пойтахт буда, Душанбе аз зеботарини шаҳрҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.

Шаҳри Душанбе дар гузашта ҳарчанд ки шаҳри хурд буд, вале бо вуҷуди ин, шаҳри сабзу хуррам ва зебо эътироф шуда буд…

Ҳоло Душанбе дигар он шаҳри хурди пешин нест, балки он ба тамом дигар шуда, ба шаҳри бузург, зебо ва замонавӣ табдил ёфтааст, ки ҳар нафаре орзуи дидани онро мекунад.

Боғи номбурда дар дили ин шаҳри бузург қарор дорад ва ҳамарӯза ҳазорон нафар ба ин макони зебо барои тамошои он меоянд. Ҳар нафаре, ки ба ин ҷо меояд, муддате меосояд, фароғат менамояд ва аз ин зебоиҳо баҳра мебардорад.

# БОҒИ «ФИРДАВСИ БАРИН»

**Боғест сабзу хуррам ва пур аз нуру зиё, ки дар қисмати ҷанубу ғарбии шаҳри Душанбе бунёд шуда, бо дилрабоию дилфиребиаш басо оростаю пероста ва ободон. Бо гулгашту роҳравҳои зебою фаррох ва барои сайру тамошо ва осоишу тафреҳ бисёр муносиб ва мувофиқ.**

Он ба номи бузургтарин ҳамосасарои олам, офарандаи «Шоҳнома» - и безавол, Ҳаким Абулқосим Фирдавсии Тӯсӣ гузошта шудааст. Оне, ки тавонист таъриху тамаддун, ақлу хирад, заковат, бузургӣ ва ҳашамати як қавми бузургро бо номи тоҷику форс бо ҳама корномаҳояш дар як китоб ғунҷонад ва манзури аҳли олам гардонад.

Воқеан, то ба имрӯз, башарият асари дигареро дар хотир надорад, ки аз лиҳози мазмуну мундариҷа бо «Шоҳнома» ҳамвазну ҳамсанг офарида шуда бошад,

**Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,**
**Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.**

Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ дуруст гуфта буд. Ӯ ҳамон вақт дарк карда буд, ки ин амалаш, албатта, рӯзе боиси таҳсину офарини ояндагон мегардад ва барояш умри абад мебахшад.

Воқеан, баъд аз марги шоир, бештар аз ҳазор сол мешавад, ки аҳли назар «Шоҳнома» - ро мехонанд ва барои чунин як шоҳкорӣ ба ӯ таҳсин мегӯяд. Чун рамзи сипосу эҳтиром ба ифтихораш коххо месозанд, қасру кушкҳо бунёд мекунанд, боғҳо месабзонанд ва муҷассамаҳо мебардоранд, то номаш абадӣ дар забонҳо садо диҳад...

Баъди ба истиқлолияти давлатӣ расидани Ватани мо, бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ дар шаҳри Душанбе боғи дилрабо ва сабзу хуррамеро ба номи ӯ гузошта, дар маркази он пайкараашро барафрохтанд.

Имрӯз ин боғ, бешубҳа, дар шумори калонтарин ва ободтарин боғҳои шаҳри Душанбе қарор дорад. Ба шарофати Фирдавсии бузург, ин мавзеъ, ки дар гузашта як ҷои на он қадар обод буд, имрӯз ба мавзеи аз ҳама зебо, шукуфон ва сабзу хуррам мубаддал гаштааст. Ҳоло ин ҷо маконест оростаю пероста. Ҳар чизе, ки дар ин боғ ба чашм мерасад, сабз асту хуррам, гулбез асту мушкбез. Гулгашту сайргоҳҳои хуррам дилҳоро ҳузуру ҳаловат мебахшанду ҷонҳоро равони тоза медиҳанд. Дарахтони ҳамешасабз ва сарву санавбарҳои чун арӯсони чаман ороёфтааш дар як нигоҳ дили ҳар бинандаро лабрези шодию фараҳ мегардонанд.

Ҳар бинандае, ки ба дидори Фирдавсии бузург меояд, баъд аз зиёрати Ҳаким муддате дар ин боғ қадам мезанад ва аз боду ҳавои мусаффо ва аз насими анбаросояш нафас мекашад, осоиш меёбад.

Басо гуворост, ки ҳам ноҳия ва ҳам боғ номи Фирдавсии бузургро дорад. Ноҳия дар қисмати ҷанубу шарқии шаҳри Душанбе, дар яке аз минтақаҳои сераҳолию ободу зебои пойтахт ҷойгир гаштааст.

Тарроҳони боғ кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд, ки онро аз лиҳози касбият, ба сифати боғи муосир ва мазмунан миллӣ ба ҷилва оваранд, то дар он ҳама унсурҳояш хоси миллати тоҷик бошад. Онҳо ин рисолатро хеле устокорона анҷом дода тавонистанд. Ҳамзамон дар ин ҷо боз чанд ангораи муҷаллое ҳаст, ки ба боғ шукӯҳу шаҳомат мебахшад. Аз ҷумлаи онҳо нахуст, метавон пайкараи Ҳаким Абулқосим Фирдавсиро ном бурд, ки дар майдони даромадгоҳи боғ, дар ҷои аз ҳама намоён ва ободу зебои он қомат афрохтааст. Пайкарасоз симои аслии Фирдавсиро, аз мундариҷаи «Шоҳнома» - и бузургаш ҷустуҷӯ карда, сурати аслии шоирро офаридааст.

Маълум, ки офаридану ба вуҷуд овардани симое, ба мисли Фирдавсӣ, ки ҳазор сол пеш аз мо рӯзгор кардаю асари безаволро ҳамчун «Шоҳнома» иншо намудааст, кори саҳлу сода набуд.

Аз амалҳои неки анҷомдодаи муаллифи пайкара аст, ки ӯ ҳамон гуфтаҳои гуҳарбори шоирро, ки баъди хатми «Шоҳнома» иншо карда буд, чун рамзи абадияту безаволии шоир ва асари бузургаш, дар санг ҳаккокӣ кардааст, ки ин чиз шоистаи таҳсин аст.

Дигар унсуре, ки боғро бисёр ҷолиб ва тамошобоб гардонидааст, ин аст, ки аз даромадгоҳи асосӣ, яъне аз самти ҷануб ба шимол, як кӯчабоғи васеъ тӯл кашида, боғро ду қисмат намудааст. Дар ин кӯчабоғ, аз ду ҷониб, қад - қади гулгашту роҳравҳо дарахтони ҳамешасабз шинонидаанд, ки боғро хеле дилрабою диданӣ гардонидаанд.



Ин роҳрав васеъ ва серпаҳно буда, дар навбати худ боз аз гулгаштҳои зиёди хурду бузург таркиб ёфтааст, ки ҳар кадоме аз онҳо барои сайру тамошо, истироҳату осоиш хеле муносибу мувофиқанд. Ҳамзамон, дар ин гулгашту сайргоҳҳо боз аз ду ҷониб, атраксионҳои гуногун, аз ҷумла чанд чархофалаку арғунчакҳои бузургу устувор гузоштаанд, ки хеле ҷолибу назаррабоянд.

Боғи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, аслан боғи истироҳатию фароғатист. Дар ин ҷо барои фароғату истироҳати тамошобинон, имконияти хуб фароҳам аст. Маълум, ки на ҳамаи тамошобинону истироҳаткунандагон сокинони пойтахтанд, балки миқдори зиёдашонро меҳмононе ташкил мекунанд, ки аз гӯшаҳои дури кишвар, инчунин, аз кишварҳои форсизабон, ба дидори Фирдавсии бузург ва тамошои ин боғи фирдавсмонанди он омадаанд.

Наврасон дар боғ барои бозию дилхушӣ имкони интихоби зиёд доранд. Барои онҳо бозиҳои шавқовар хеле зиёд аст, аммо майли бачаҳо ба чархофалакҳои зебою замонавӣ ва арғунчакҳои нарму мулоим бештар аст.

Манфиати хурдсолон ҳам дар ин боғ сарфи назар нашудааст. Барои ин гурӯҳ ҳам он ҷо машғулияти дӯстдошта вуҷуд дорад. Бозии аз ҳама мақбул барои эшон, мошинсаворӣ ҳаст. Бачаҳо ҳар кадоме дар автомашинаҳои худрав нишаста, онро озодона идора менамоянд.

Дар Боғи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ҷойҳои ҷолиби диққат хеле зиёданд. Дар ин маврид метавон аз боби наҳрчае серобу равоне ҳарф зад, ки боғро бурида мегузарад. Чунин як наҳри пуроб барои тамошобинон хеле мақбул аст. Дар оби наҳр қаиқрониро ба роҳ мондаанд, ки на дар ҳар боғ дида мешавад. Ҳангоми тобистон мухлисони ин бозии дӯстдошта ба маротиб меафзояд.

Ҳамин тавр, ҳар тамошобин ҳангоми сайругашт дар боғ интихоби зиёдро дар ихтиёр дорад, вале барои табиатдӯстони ҳақиқӣ, имконият боз ҳам бештаранд. Дар чанд ҷои боғ гӯшаҳои зиндаи маҷозиеро бунёд карданд, ки табиати воқеии кӯҳистонро пеши назар ба ҷилва меоранд. Ин гуна манзараҳоро дар чанд ҷои боғ дидан мумкин аст. Чунончи, дар як гӯшае товуси хушхиром домон паҳн кардааст, ки рангҳои думи онро аз гулҳои табиӣ ба вуҷуд овардаанд. Табиист, ки ин гуна манзараҳо рӯҳи тамошобинонро болида гардонидаю равонашонро оромӣ мебахшад.

Дар ин ҷойҳои боғ аксҳои ҷонварони муқими кӯҳистонро дидан мумкин аст. Офарандагони ин манзараҳо, бо тахайюлоти рангину зебои худ то ҷое муваффақ ҳам шудаанд. Онҳо тавонистанд, ки чунин манзараҳои аслии кӯҳистонро, ҳамон тавре ки ҳаст, бо ҳама набототу ҳайвоноташ, ба боғ оварда, эҳё намоянд. Чунин як ҳолат, қалби ҳар тамошобинро ба ваҷд меорад. Хусусан, дидани харсангҳои асил, ки воқеан, аз кӯҳистон фароварда шудаанд. Ҳар нафаре баъд аз тамошои ин манзараҳо худро як муддат дар оғӯши табиати кӯҳистон мебинад.

Ин аст, ки як қисмати тамошобинонро аз ҳама бештар, ин манзараҳои зинда ба худ ҷалб менамоянд. Онҳо маҳз ба хотири тамошои ин манзараҳои кӯҳистон ба боғ ташриф оварда, аз ин зебоиҳо баҳра мебаранд.

Боғи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ на танҳо боғи истироҳатию фарҳангист, балки он боз як ҷои хеле муносибу мувофиқ барои баргузор намудани чорабиниҳои муҳими сиёсию давлатӣ ва фарҳангӣ ҳам мебошад. Ҳар сол дар ин ҷо чандин чорабиниҳои муҳим ва ҷашну маросимҳои моҳияти шаҳрию ҷумҳуриявидоштаро баргузор менамоянд. Чанд соли охир, ҷашнҳои муҳим, аз қабили «Сада», «Меҳргон», «Тиргон» ин ҷо баргузор мегарданд. Ҳамзамон, бештари намоишҳои ҷумҳуриявӣ, ки моҳияти иқтисодию иҷтимоӣ ва кишоварзӣ доранд - «Иди асал», «Иди харбуза» ва «Иди каду», ки миёни мардум маъруфият пайдо кардаанд, дар ин ҷо баргузор мегарданд.

Дар боғ як театри калони тобистона низ фаъолият менамояд, ки барои баргузор намудани ҳамин гуна чорабиниҳо хеле муносиб ва мувофиқ аст. Мо низ борҳо шоҳиди он будем, ки дар ин театр, чорабиниҳои бошукӯҳи ҷашнҳои «Фалак», «Шашмақом»- ро, маҳз дар ҳамин ҷо баргузор намуданд.

Маълум, ки дар дохили чунин як боғи саропо сабзу хуррам, вуҷуд доштани чунин як театр, албатта ба нафъи мухлисон ва тамошобинон хоҳад буд. Аз дигар ҷониб, ин ба он маъност, ки Фирдавсии бузург худ як фарди бофайзу бобаракате буд, ки ҳар ҷо номи ӯ бошад, он ҷо зиндагӣ рангу нумӯи дигар мегирифт.

Бале, боғе ки номи Фирдавсиро дорад, бояд фирдавси барин бошад - пурнакҳат, файзбор ва мушкбезу рӯҳнавоз, ба мисли «Шоҳнома» - и безаволаш...

**Алихон ЗАРИФӢ,**
**рӯзноманигор**

# ГУЛБОҒИ ДӮСТӢ

**Ҳар боғи ин шаҳри куҳан ном ва таърихи худро дорад. Боғи Алишер Навоӣ аз шумули боғҳои беназири шаҳри Душанбест, ки дар заминаи сиёсати фарҳангдӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз гӯшаҳои зебоманзари кӯчаи Камолиддин Беҳзод бунёд гардидааст.**




Он аз рӯи мавзеъ, ҷой, сохт ва тарҳу намуд миёни дигар боғҳои кишвар беназир дониста мешавад, зеро боғ бо тарҳу намо ва санъати хоси муосир бунёд ёфта, дар ороиши ҳар ваҷаб замини он изи дастони созандагонаш равшан мегардад. Маълум, ки дар бунёди он мутахассисони хубу кордон, тарроҳони касбию ҳунарманд, ороишгарони касбияташон баланд ҷалб шудаанд. Ин маъниро аз амалҳои анҷомдодаи тарроҳон бармало мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳамарӯза ба ин ҷо ҳазорҳо нафар хурду бузург меоянд, истироҳату фароғат менамоянд ва дар як вақт аз зебоиҳои ин боғи дилкушо, баҳра мебардоранд.

Аснои вуруд кас дар баробари дидани ин ҳама манзараҳои зебо ва сабзу хуррам, боз дӯстӣ ва муҳаббату садоқатро мебинад, ки аз бунёди дӯстии ин ду миллати ҳамкеш гувоҳӣ медиҳад: садоқати шогирд ба устод ва устод ба шогирд. Ин нуктаро мо дар ин боғ ҳам баръало мушоҳида кардем. Муҷассамаи Мавлоно Ҷомӣ ва Мир Алишер Навоӣ дар маркази боғ қомат афрохтаанд. Муҷассама ба таври рамзӣ сохта шудааст. Дар чеҳраи устоду шогирд меҳру муҳаббат ҳувайдост. Гӯё ҳар ду суҳбат доранд, аз боби шеъру шоирӣ ва аз рафоқату дӯстӣ...

Дидани ин манзара, касро ба як олами рангину пурсафо мебарад ва рӯҳу равони дигар мебахшад, чӣ сон ки худи Мавлоно Ҷомӣ гуфта:

**Ба гул мурғи чаман зад достоне,**
**Ки хуш боғеву неку боғбоне…**

Маҳз ҳамин лаҳзаро ба тасвир гиифтани пайкарсоз бесабаб нест, зеро суҳбату мулоқот ва нишастану гуфтугӯ кардан барои ин ду соҳибдил, ки рӯзгори саршор аз дӯстӣ, муҳаббат ва бародарӣ доштанд, як амали муқаррарӣ ва ҳамарӯза буд, ки эшон ҳароина, анҷомаш медоданд.

Воқеан, дӯстии Абдураҳмони Ҷомӣ бо Алишер Навоӣ саҳифаи бисёр муҷаллои таърихи халқҳои тоҷику ӯзбек дониста мешавад, дӯстии беғаразонаю орифонаи онҳо тавонист ин ду халқро ба якдигар наздик гардонад ва барои дӯстию ҳамраъйии ояндагон низ чун намунаи олии рафоқату ҳамдигарфаҳмӣ хизмат намояд.

Дар гулгашту роҳравҳои боғ муҷассамаҳое ба чашм мерасанд, ки онҳо ин маконро хеле зебу оро бахшидаанд. Дар ин пайкарачаҳои хурд низ рамзу маъниҳои амиқ нуҳуфтааст.

Бояд ҳар боғ навгоние дошта бошад. Мо ин навгониро дар сурати муҷассамаи китоб мебинем. Дар ин ҷо мо китобро ҳам дар дасти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва ҳам дар дасти модаре мебинем, ки ба фарзандаш забони модариро меомӯзонад. Яъне, ин ҷо, китоб як саҳифаи тозаи ин боғ аст, зеро ин дурри бебаҳо, барои ҳар ду чеҳраи тобноки илму фарҳанг, бузургтарин неъмат ва беҳтарин сарват дониста мешавад.

Ин аст, ки боғ хусусияти фарҳангию фароғатӣ дорад, ки кас аснои тамошо ба худ як оромии рӯҳиро меёбад ва фароғат мегирад.

**Бихандон аз лаби он ғунча боғам,**
**В - аз ин гул атрпарвар кун димоғам,**

- гуфтани Мавлоно Ҷомӣ низ ба ҳамин маънист.

Воқеан, боғ хеле зебою назаррабост. Ҳар растаю гулгаштҳояш ороиш ёфта, аз ҳар ду ҷониб бо гулҳои тару тоза пӯшонида шудаанд. Ҳангоми вуруд ба он моро боз дарахтони сарву санавбарҳои қоматбаландаш, ба худ мекашанд, ки чун арӯсони чодарбасар, ҳар омадаю рафтаро пешвоз мегиранд ва ба сояи худ ҷой медиҳанд. Дидани ин ҳама зебоиҳо, хоса, дарахтони ҳамешасабзу нахлу ниҳолҳои рангорангаш, дилро лабрези шодию фараҳ мегардонад.

Дар он ҷо боз нишастгоҳҳое бо чандин рангу намуд арзи вуҷуд доранд, ки касро ба сӯи худ мехонанд. Аз ҳама аҷиб, дар гӯшаи боғ барои наврасону кӯдакон ҷойи махсуси бозӣ бунёд ёфтааст, ки бо таҷҳизоти зебою ҳозиразамон муҷаҳҳаз мебошад. Барои дӯстдорони варзиш ҳам гӯшае ҳаст, ки ҳар нафар, агар субҳгоҳон хоҳиши ба боғ омаданро дошта бошад, баҳузур метавонад аз ин имкон истифода кунад ва ба варзиш машғул шавад.

Шомгоҳон боғ ба худ фазои идонаро мегирад. Дар боғ мо аз ҳама бештар ҷавононро мебинем. Онҳо ба ин ҷо меоянд, то аз зебоиҳои ин боғи гулбасар лаҳзае осоянд.

Боғи Алишер Навоӣ ба маънии том боғи дӯстист. Маҳз ҳамин дӯстию ҳамкешӣ буд, ки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар сафари хеш ба Тоҷикистон, марзҳои беш аз бист сол бастаро кушод. Ин дӯстӣ, албатта, идомаи ҳамон дӯстии Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомист, ки сари хони муҳаббату садоқат ва бародарӣ нон мешикастанд ва заминаи бунёдии дӯстии ҳар ду миллатро гузоштанд ва садсолаҳо дар муқобили ҳуҷуми фарҳангии аҷнабиён устуворанд.

Дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ ин падидаи неки таърихӣ риоя мешавад. Ҳанӯз дар замони шӯравӣ, дар шаҳри бостонии Самарқанд, дар яке аз маҳаллаҳои ободи он, бо номи «Тахти Мазор» пайкараи ин ду абармарди миллати тоҷик ва ӯзбек гузошта шуда буд.

Бунёди боғе ба чунин зебоӣ, ба номи Алишер Навоӣ дар маркази шаҳри Душанбе ва дар он қомат афрохтани пайкараи ин ду абармарди равшандилу дурандеш идомаи ҳамон дӯстии абадзинда мебошад. Дӯстие, ки замоне Мир Алишер Навоӣ бо устоди худ Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, ба он асос гузошта буданд.

**Хонандагони азиз, шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 417588 | Муассисаи давлатии «Трести чарогоҳу мелиоративӣ»-и Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмир ва барқарорсозии роҳи чорвогузар дар мавзеъҳои Дубеда ва Кӯлобиён дар ҳудуди Ҷамоати деҳоти Ҷавонон ва Ҷамоати деҳоти Чашмасори ноҳияи Файзобод | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.09.2023 15:30:00 |
| 2 | 417589 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №106»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассиса ва ҷои бозии кӯдакон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.09.2023 15:30:00 |
| 3 | 417590 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №128»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.09.2023 16:00:00 |
| 4 | 417591 | Боғчаи бачагонаи №11-и «Афсона»-и ноҳияи Ҷалолуддини Балхӣ | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 22.09.2023 16:15:45 |
| 5 | 417593 | Маркази саломатии рӯҳии вилоятии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 22.09.2023 19:55:00 |
| 6 | 417594 | Беморхонаи маркази ноҳияи Роштқалъа | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 22.09.2023 19:55:00 |
| 7 | 417596 | Маркази равонпизишкии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 25.09.2023 08:18:00 |
| 8 | 417597 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №20-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 25.09.2023 08:23:00 |
| 9 | 417599 | Муассисаи давлатии «Стансияи ёрии таъҷилӣ»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Сӯзишвории дизелӣ, бензин ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 25.09.2023 08:30:00 |
| 10 | 417601 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 25.09.2023 08:40:00 |
| 11 | 417602 | Корхонаи давлатии фаръии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и шаҳри Панҷакент | Гулҳои мавсимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 25.09.2023 08:50:00 |
| 12 | 417603 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ ва сантехникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 25.09.2023 09:00:00 |
| 13 | 417600 | Маркази клиникавӣ - эндокринологии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 54 | 25.09.2023 09:40:00 |
| 14 | 417604 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Орди навъи якум ва дуюм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 25.09.2023 09:40:00 |
| 15 | 417605 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 25.09.2023 09:50:00 |
| 16 | 417606 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 92 | 25.09.2023 10:12:00 |
| 17 | 417607 | Муассисаи давлатии таълимии «Мактаб - интернат барои кӯдакони кар ва шунавоиашон сусти ба номи Тӯхтабой Ғаффоров»-и Ҷамоати деҳоти Хистеварзи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 25.09.2023 10:30:00 |
| 18 | 417608 | Маркази саломатии шаҳрии шаҳри Ваҳдат | Автомашинаи Минивэн | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 25.09.2023 11:20:06 |
| 19 | 417609 | Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.09.2023 11:45:00 |
| 20 | 417610 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшии кӯдакони маъюби «Чорбоғ» дар ноҳияи Варзоб | Хӯрокворӣ, молҳои хоҷагидорӣ ва инвентари нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 78 | 25.09.2023 11:45:00 |
| 21 | 417595 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи маркази ба номи И. Ҳасанов»-и ноҳияи Ашт | Гузаронидани системаи гармидиҳӣ дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 25.09.2023 13:00:00 |
| 22 | 417611 | Беморхонаи шаҳрии шаҳри Бӯстон | Молҳои канселярӣ, гипохлорид, молҳои электрикӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 25.09.2023 13:45:00 |
| 23 | 417598 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Маводи хоҷагидорӣ, масолеҳи сохтмонӣ, дастпӯш, аробa, маҳлулкунанда, плаши зидди борон, диски алмосӣ, бели барфтозакунӣ, рӯда, электрод ва тубак барои гул | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 25.09.2023 15:55:55 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ «ЦЕНТР УПРАВЛЕНИЯ ПРОЕКТОМ ПО УПРАВЛЕНИЮ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ ФЕРГАНСКОЙ ДОЛИНЫ»
## ПРОЕКТ ПО УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЮ УПРАВЛЕНИЯ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ И ИРРИГАЦИЕЙ (ПУУВРИ)
## ГРАНТ №: IDA E0790-TJ
## ГРАНТ №: EU TFOB 8740-TJ
## ПРИГЛАШЕНИЕ НА УЧАСТИЕ В КОНКУРСЕ НА ЗАМЕЩЕНИЕ ВАКАНТНОЙ ДОЛЖНОСТИ

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для покрытия расходов по Проекту по усовершенствованию управления водными ресурсами и ирригацией (ПУУВРИТ).

Проект состоит из четырех компонентов: (i) Реформа водного сектора и институциональное укрепление, (ii) Улучшение ирригационных систем, (iii) Управление проектом; и (iv) компонент чрезвычайного реагирования. Реализующим агентством является Центр управления проектом (ЦУП) при АМИ (ЦУП ПУВРФД) и Группа реализации проекта (ГРП) при МЭВР.

Целями развития проекта являются: (i) наращивание потенциала в области планирования водных ресурсов и управления ирригацией в Таджикистане на национальном и бассейновом уровнях; и (ii) повышение эффективности отдельных ирригационных систем в бассейнах рек Вахш и Заравшан. В рамках проекта намеревается создание рабочих мест и ГУ ЦУП «УВРФД» объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности:

Руководитель проекта/Главный инженер-Гиссар-Зерафшан.

**Квалификационные требования**

✓ Диплом университета в области гидро инженерно-технической области, экономики и сельского хозяйства;
✓ По крайней мере, 5 лет опыта работы координации проекта;
✓ Опыт взаимодействия с местными властями и общинами;
✓ Хорошее знание местных условий; хорошие управленческие навыки;
✓ Полное владение и работа с текстовыми и табличными программами;
✓ Высокое чувство ответственности, готовность брать на себя инициативу, отличные коммуникативные навыки и командный дух являются важными факторами, честность и порядочность.
✓ Свободное владение таджикским и русским языками, знание английского языка желательно

Для получения информации о квалификационных требованиях и дополнительной информации заинтересованным участникам будет представлено по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси - 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло 9 этаж, офис ЦУП УВРФД) или по электронной почте: **fvwrmp@mail.ru.**

Заинтересованные лица должны представить полный комплект перечисленных ниже документов в запечатанном пакете с обязательным указанием вакантной должности:

✓ Заявление на участие в конкурсе;
✓ Резюме (CV) обязательно на английском и на русском языке;
✓ Копия диплома об образовании (оригинал);
✓ Копия паспорта;
✓ Рекомендательные письма;
✓ Копии сертификатов о дополнительном образовании (при наличии).

Документы представляются по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси - 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло, 9-й этаж, офис ЦУП УВРФД или по электронной почте: **fvwrmp@mail.ru**).

Окончательный срок представления документов **25.09.2023 г. до 16⁰⁰** часов по местному времени. Неполный пакет документов, а также документы, поданные после указанного срока, не будут рассматриваться.

Только те кандидаты, которые отвечают квалификационным требованиям, попадут в короткий список и будут приглашены на собеседование.

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**10 октябри соли 2023 музоядаи № 4-ро оид ба фурӯш ё ба иҷора супоридани амволи ҶСК «Фононбонк», ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд**

| т/р | Номгӯй | Суроға | Масоҳати бино (м²) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Бинои мағоза | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мир №83 /4 ҶДММ «Мурғи Муъминобод» | 301,9 | 1 806 584,0 |
| 2 | Маркази савдо | шаҳри Душанбе, маркази савдои «Дарвоз», кӯчаи Сомон № 432 | 183,9 | 1 800 000,0 |
| 3 | Бинои ҶСК «Доруи Тоҷик» | ноҳияи Айнӣ, Ҷамоати деҳоти Айнӣ, кӯчаи Рӯдакӣ №21 | 1708,0 | 3 528 370,0 |
| 4 | Бинои мағоза (ду адад) | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мир №83/4 ҶДММ «Мурғи Муъминобод» | 236,7 | 1 540 839,0 |
| 5 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Қаротегин 496 | 123,5 | 210 000,16 |
| 6 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода (ошёнаи 15, блоки В.) | 56,9 | 440 064,60 |
| 7 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода (ошёнаи 14 блоки В.) | 56,9 | 440 064,60 |
| 8 | Манзили истиқоматӣ ҶДММ «Абр Текстил» | шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода (ошёнаи 11 блоки Г.) | 45,5 | 351 897,0 |
| 9 | Экскаватор | тамғаи Хундай Робекс 300, ЛС-9 | --- | 835 030,0 |
| 10 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Душанбе, кӯчаи Навбаҳор 2/2, хонаи 13 | 112,2 | 830 000,0 |
| 11 | Истироҳатгоҳ | ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзобқалъа, деҳаи Очук | 87,8 | 850 000,0 |
| 12 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Роҳатӣ, хонаи бе рақам | 511,4 | 1 080 353,0 |
| 13 | Ҳавлии истиқоматӣ | шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Гулистон, Ҷангалобод 2 | 340,2 | 666 000,0 |
| 14 | Бинои маъмурӣ | ноҳияи Файзобод, кӯчаи А. Ҷомӣ 1/2 | 168,1 | 206 972,0 |
| 15 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | 129,0 | 341 551,0 |
| 16 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати деҳоти Чузӣ, деҳаи Элок | 323,4 | 151 643,0 |
| 17 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Шаҳринав, кӯчаи 70 - солагии М.Турсунзода, деҳаи Боғистон | 179,4 | 130 907,0 |
| 18 | Ҳавлии истиқоматӣ | ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати деҳоти Дурбат, деҳаи Манзар | 93,4 | 307 768,0 |
| 19 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Россия, деҳаи Қӯштеппа | 175,1 | 417 626,0 |
| 20 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Ҷайҳун, Ҷамоати деҳоти Истиқлол, деҳаи Телман | 213,0 | 276 346,0 |
| 21 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Қубодиён, Ҷамоати деҳоти Тахти Сангин, деҳаи Болшевик | 326,0 | 632 436,0 |
| 22 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Борбад, хонаи 2, ҳуҷраи 35 | 47,2 | 133 670,0 |
| 23 | Сехи истеҳсоли коғази ташноб | шаҳри Бохтар ва Левакант | 976 | 323 981,0 |
| 24 | Таҷҳизоти KHUMO INGINEERING | Тамғаи «GDS-308E» ҶДММ «Абдулазиз»-и ноҳияи Ховалинг | --- | 885 168,0 |
| 25 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Б.Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Исфисор, кӯчаи Бӯстон | 508,8 | 766 442,0 |
| 26 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Ленинобод, деҳаи Чорбоғ | 29,70 | 175 075,0 |
| 27 | Манзили истиқоматӣ | ноҳияи Ҷ.Расулов, Ҷамоати деҳоти Сомониён, деҳаи Зарафшон | 129,6 | 146 708,0 |
| 28 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Пошкент, деҳаи Яккабоғ | 92,10 | 126 095,0 |
| 29 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи А. Бобоҷон, хонаи 9 | 60,60 | 389 532,0 |
| 30 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Г. Самиев, хонаи 27ᵃ | 289,40 | 173 978,0 |
| 31 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи М.Мусоев, хонаи №11 | 863,0 | 604 115,0 |
| 32 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Гули Сурх, маҳаллаи Ясӣ | 50,60 | 543 796,0 |
| 33 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Гули Сурх, деҳаи Куруштак | 108,50 | 487 970,0 |
| 34 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Бобобарот, хонаи №13 | 46,4 | 235 924,0 |
| 35 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Қалъачаи Калон, деҳаи Сурхӣ | 110,90 | 232 755,0 |
| 36 | Манзили истиқомати | шаҳри Истаравшан, кӯчаи Чкалов, хонаи №13 | 49,45 | 186 430,0 |
| 37 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти Гули Сурх, маҳаллаи Ясӣ | 153,60 | 268 728,01 |
| 38 | Экскаватор | Тамғаи WOLVO, рақами давлатӣ 226 TA 01 TJ шаҳри Истаравшан | --- | 450 000,0 |
| 39 | Бинои ҶСК «Доруи Тоҷик» | ноҳияи Зафаробод, кӯчаи И. Сомонӣ 39ᵃ (ҶДММ «Доруи Тоҷик») | 745,0 | 4 400 000,0 |
| 40 | Бинои маъмурии ҶДММ «Зарбед» | шаҳри Конибодом, кӯчаи К.Хуҷандӣ -16 | 251,1 | 798 022,75 |
| 41 | Манзили истиқоматӣ | шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 33, хонаи 31, ҳуҷраи 16 | 44,4 | 177 043,67 |
| 42 | Қисми заводи оҳану бетони ЖБК ҶДММ «Хуҷаназар» | шаҳри Хоруғ, кӯчаи Имроншоев - 55 | 3029,04 | 5 150 991,0 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷои баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад

Музояда **соати 10⁰⁰** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон барои иштирок дар озмуни тендерии харид аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи 5 лот дар асоси лоиҳаҳои «Рушди шуъбаи фондрайзинг» ва «Сафарбаркунии ҷомеа оид ба эмгузаронии COVID-19», ки аз ҷониби Федератсияи байналмилалии ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар (ФБҶСС ва ҲА) маблағгузорӣ мегарданд, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

1. Таҳияи континентҳои рақамӣ, ҷойгиркунонии видеоҳои таблиғӣ дар шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва ғайра, фаъолияти вобаста ба он (тафсилоти бештар дар таснифоти алоҳида);
2. Таъмини камзол, футболка ва кулоҳ (тафсилоти бештар дар таснифоти алоҳида);
3. Таъмини баландгӯяк, смартфон А03, принтер ва компютер (тафсилоти бештар дар таснифоти алоҳида);
4. Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ (маҷмӯи маводи аёнӣ барои волонтёрон) (тафсилоти бештар дар таснифоти алоҳида);
5. Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ (тафсилоти бештар дар таснифоти алоҳида).

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмуни тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ ва маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхатҳои ба сифати қарздор дар назди дигарон, дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо телефони +992 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём – 120, унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳоеро, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охири пешниҳоди таклифҳо то **20-уми сентябри соли 2023,** соати 09⁰⁰ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории тахти №4420-и гумшуда, ки онро КФББТ дар ноҳияи Рӯдакӣ соли 2002 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Кӯктош, деҳаи Комаров, ба Умаров Рамазони Идибоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи АБ № 113070-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №90-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2002 ба Касирова Зайнура Ятимовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати такрории силсилаи Т-АТА № 0974997-и гумшуда дар бораи таҳсилоти умумии асосӣ, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №44-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 25-уми октябри соли 2019 ба Собирзода Мирзоабдуллои Мурод додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А №020403-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №64-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 1997 ба Каримова Муслима Саидаминовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ бо силсилаи ДШ №0001208, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 8-уми сентябри соли 2005 тахти феҳристи 8Д-4678 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 75, хонаи 19 ба Ахматбекова Шоида Зурбековна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонуни силсилаи ДШ № 0145633-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе тахти қайди 7М-496 санаи 22-юми ноябри соли 2011 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 75, хонаи 19 ба Ахматбеков Некруз Нусратуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 75, хонаи 19 ба Ахматбекова Шоида Зурбековна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад, бинои 75, хонаи 19 ба Ахматбекова Шоида Зурбековна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №1104369-и гумшуда, ки онро Литсейи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе соли 2020 ба Маҳмадов Муҳаммаддовуд Сулаймонҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А №03675722-и гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 20-уми апрели соли 2021 ба Назархудоев Шамшод Бандишоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Манзилномаи (ордери) №2449 (2749)-и гумшуда, ки онро Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқи ноҳияи Фрунзе (ҳоло ноҳияи Сино) 24-уми сентябри соли 1991 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, бинои 37, хонаи 4 ба Сайидова Шарифа Ибрагимовна додааст, эътибор надорад.

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун
Садои мардум

Муассис:
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини аввал, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 6 сентябри соли 2023, соати 18:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34500 нусха*

Навбатдорони шумора Б. Каримзода ва Р. Ҳабибов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97